«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент

_____________ Иматзода Л.М.
06.06.2022 с.

# ХУЛОСАИ

Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи массисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Махкамов Дастам.

Окимшоева Рухсора Суробовна 11-уми сентябри соли 1989 дар н. Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба Донишгоҳи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дохил шуда, соли 2012 онро бо ихтисоси рузноманигор хатм намудааст.

Диссертант фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2015 ба ҳайси мутахассиси пешбар дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оғоз

намудааст. Аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси ходими илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Окимшоева Рухсора Суробовна солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯ дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Окимшоева Р.С. унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ буда, имтиҳонҳои минимумро аз фанни Таърих ва фалсафа – хуб, Забони англисӣ – хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот – хуб ва Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)- ихтисосро бо баҳои хуб супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти минимуми номзадӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 03.10.2022, №765 дода шудааст.

Диссертатсияи Окимшоева Р.С. дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Суратҷаласаи шуъба аз 19.05.2022, №5).

Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Окимшоева Рухсора Суробовнаро бо иштироки муқарризони расмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ошимова М.М., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи

таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Номзади илмҳои педагогӣ Ошимова М.М. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия раванди тадбиқи пурраи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки он тадбиқи пурраи шаклҳои нави технологияҳои муосири инноватсионӣ тавсиф ва арзёбӣ шуда, методҳои фаъоли тақвияти фаъолияти омӯзгорон, роҳу усулҳои истифода аз технологияҳои муосир дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, дар асоси гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард гардиданд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзӯи асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад донтсент Ошимова М.М. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Муқарризи холиси дигар -номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи методҳои муосири таълим дар фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои мазкур ташкил додааст. Ҳалли масъалаи

мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Таҳқиқоти илмии муҳаққиқ имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи раванди ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Муқарриз Котибова Ш. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоии тамоми муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ошимова М.М. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П. ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Диссертатсияи номзадии Окимшоева Рухсора Суробовна масъалаи мубрами назария ва амалияи назария, методикаи соҳавӣ дар алоҳидагӣ ва дар кулли соҳаҳои илми педагогикаи умумӣ буда, ба талаботи замон мувофиқ аст, дар он ба мазмун ва мақсади асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим таваҷҷӯҳи хоса зоҳир шудааст, ки яке аз вазифаҳои асосии маорифи кишвар ба шумор меравад.

Муҳаққиқ бо дарназардошт вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, маълумоти илмӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои

фаъоли таълимро дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ омӯхта ба низоми муайян дароварда, дар ҷараёни корҳои таълимӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо мақсади аз ҷониби онҳо аз худ намудани дониш, маҳорат ва малака дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва татбиқи онҳоро амалӣ истифода намуда, барномаи самараноки таълимиро кор карда баромада, дар амал татбиқ намуда, бо талаботи имрӯзаи илми педагогика вобаста ба истифодаи методҳои фаъоли таълим мувофиқ кардааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар коркарди воситаи ташхисӣ, таҳия ва пешниҳоди маводи мушаххас оид ба татбиқи имконияти мавҷудият ва сатҳи салоҳияту салоҳиятнокии хонандагон, бунёди тавсияҳои истифодаи тарҳи самараноки таълимӣ дар шароити муассисаҳои таълимӣ, истифодаи методҳои фаҳоли таълим, ки дар раванди таълим вобаста ба амалӣ намудани муҳити муосири таълимию тарбиявӣ истифода мегарданд, ифода меёбад.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[М 1] Окимшоева Р. Фаъолияти инноватсионии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва мақоми он дар ташаккули салоҳиятнокӣ /Р. Окимшоева [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 4 (33) .- Душанбе, 2019.- С.84-86. - ISSN 2222 – 9809.

[М2] Окимшоева Р. Исм ва тарзи омӯзиши он дар синфҳои ибтидоӣ / Р. Окимшоева [Матн]// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, № 4 (28).– Душанбе, 2019.- С.189-192. - ISSN 2617 – 5620.

[М 3]  Окимшоева Р. Мафҳум ва усулҳои фаъоли таълим / Р. Окимшоева [Матн]// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №1 (34) .- Душанбе, 2020.- С. 51-56. - ISSN 2222 – 9809.

[М 4] Окимшоева Р. Принсипҳои асосии татбиқи технологияи инноватсионии таълим дар синфҳои ибтидоӣ /Р. Окимшоева [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 1, (34) .- Душанбе, 2020.- С. 51-56. - ISSN 2222 – 9809.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Кори илмию таҳқиқотии Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 6-уми июни соли 2022, протоколи №06 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 17 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Лутфуллоева П.

**Муқарризон:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Ошимова М.М.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва
ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
котиби семинари илмӣ- методии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои П. Лутфуллоева, М.М. Ошимова, Ш.П. Котибова ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи А. Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.